**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Саидов Ҳомид Саидович ба диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович ба яке аз мавзӯъҳои мубрами рӯз бахшида шудааст. Дар он муаллиф ба таври маҷмӯӣ раванди тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Тавре ки воқеияти равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон нишон медиҳад, муайян кардани ҷойгиршавии қувваҳои минтақавӣ дар сиёсати муосири олам таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти геополитикӣ, иқтисодӣ ва тамаддуни муосирро тақозо менамояд. Ин ба фазои геополитикии «олами ислом» бештар марбут аст, ки дар меҳвари стратегии он Ҷумҳурии Исломии Афғонистон қарор дорад. Бинобар ин, имрӯз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар маркази диққат ва таваҷҷуҳи манфиати мамлакатҳои абарқудрати дунё қарор гирифтааст.

Аз тарафи дигар, дар солҳои охир Ҷумҳурии Исломии Афғонистон яке аз давлатҳои осебпазиру ба мушкилот печида муаррифӣ мешавад, ки аз қаламрави он ба кишварҳои минтақа хатарҳои ифротгароӣ ва интиқоли маводи мухаддир таҳдид менамояд. Ворид карда шудани қувваҳои ҳарбии давлатҳои узви Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (минбаъд СААШ) дар соли 2001 ба Афғонистон на танҳо

масъалаҳои маҳви ташкилоти террористии «Ал-Қоида» ва ҳаракати «Толибон»-ро ҳал карда натавонист, балки ба зиёд шудани истеҳсоли маводи мухаддир ва интиқоли минбаъдаи он ба давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ), аз ҷумла Тоҷикистон, Европа ва дигар давлатҳои ҷаҳон сабаб гардид. Наздикии бевосита ба минтақаи Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор менамояд, ки бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон самти хоси сиёсати хориҷиро дошта бошад.

Муаллиф бисёр дуруст қайд менамояд, ки таҳқиқи тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI дар марҳалаи воқеаҳои баамалоянда, чун пурра аз хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баровардани қувваҳои эътилофи байналмилалӣ зери роҳбарии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва ташаккули элитаи нави ҳокимияти сиёсии кишвар хеле мубрам мебошад. Дурнамои ба сари ҳокимият омадани роҳбарони ба Ғарб майлдошта онҳоеро, ки ба устуворию суботи вазъи минтақаи Шарқи Миёна манфиатдоранд, водор мекунад, ки ба масъалаи таъсири муносибатҳои байниҳамдигарии сатҳи байналмилалӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Аз вазъияти сиёсии давлатҳо маълум аст, ки айни замон дар як қатор кишварҳои Шарқи Миёна омилҳои динӣ дар фаъолияти байналмилалӣ қувват гирифта истодааст. Таваҷҷуҳ ба моҳияти ин масъала зарурати омӯзишу таҳқиқоти мавзӯи мазкурро ба миён оварда, мубрамияти онро асоснок менамояд.

Мавзӯи интихобшуда ҳам аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ дорои аҳамияти зиёде буда, дар муайян намудани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мусоидат менамояд. Қобили ёдоварист, ки истеъдоди таҳлилии муаллиф дар асосноксозии аҳамияти илмии мавзӯъ зоҳир шудааст. Ӯ тавонистааст, ки мавзӯъро ба таври муфассал ва бо далелҳои қонеъкунанда анҷом диҳад.

Сохтори кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот, сарсухан, 3 боб бо фарогирии 6 зербоби мувофиқ, хулоса ва феҳристи адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар сарсухан, тибқи талаботи маъмул гузориши масъала аҳамияти илмии мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он муфассал таҳлил шудааст. Муаллиф дар ин бахш инчунин объект ва предмети таҳқиқро муайян намуда, ҳадаф ва вазифаҳои кори илмӣ, муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда, навгонӣ, асосҳои назариявию методологӣ ва аҳамияти амалии рисолаи диссертатсиониро ба таври дақиқ матраҳ намуда, ба натиҷаҳои нави илмӣ ноил гардидааст.

Унвонҷӯ дар интихоб, ҷустуҷӯ ва истифодаи сарчашмаҳои бисёр муҳими таърихӣ ва адабиёти илмӣ, таҳлили таърихнигорӣ ва таснифи он мустақилият ва ҷиддияти хос нишон додааст. Ҷойи зикр аст, ки бисёре аз сарчашмаҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд.

Ҳамчунин нуктаҳои асосии таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи андешаҳо ва консепсияҳои марбут ба масъалаҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Маводи таҳқиқоти илмӣ дар раванди таълиму тарбияи кадрҳои дипломатӣ мавриди истифода қарор гирифта дар гузориш ва маърӯзаҳои илмӣ ва амалӣ ироа шудааст. Нуктаҳои асосии он дар таълифоти муаллиф инъикос ёфта, мақолаҳои ӯ дар маҷмӯаҳои илмӣ нашр гардидаанд.

Инчунин метавон қайд кард, ки натиҷаҳои таҳқиқ имкон медиҳад, ки вазъи имрӯзаи равандҳои сиёсӣ, ки дар Афғонистон ба амал меоянд, таҳлил ва муайян карда шаванд, рушди минбаъдаи вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ пешгӯӣ шавад, воситаҳои мубориза бо хатарҳои нав имконнопазир гардад, ҳамчунин дар сурати бад шудани вазъият роҳҳои пешгирии он муайян гардад. Хулосаҳои ҷудогонаи таҳқиқ ва нуктаҳои

бадастовардаи муаллиф барои сохторҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатбахш мебошанд.

Диссертатсияи И.Э.Мамадғафуров дар заминаи мустаҳками ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, манбаъҳои боэътимод ва доираи хеле зиёди адабиёт, аз ҷумла ба забонҳои англисӣ, форсӣ ва русӣ асос ёфтааст. Маводҳои дар диссертатсия овардашуда дар раванди таълим ҳангоми омода кардан ва гузаронидани курсҳои таълимии “Муносибатҳои байналхалқӣ”, “Геополитика”, “Ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ”, “Низоъшиносӣ”, “Афғонистон дар муносибатҳои байналмилалии муосир” барои донишҷӯёни ихтисосҳои муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақашиносӣ метавонанд истифода шаванд.

Бояд қайд кард, ки дар раванди таҳқиқи мавзӯъ муаллиф методҳои илмии мувофиқро истифода намудааст. Методҳои илмии истифодашуда барои таҳқиқи масъалаҳои сиёсии марбут ба ихтисоси 23.00.04 - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мувофиқанд. Дар раванди таҳқиқот методҳои умумимантиқӣ, индуктивӣ ва дедуктивӣ, методҳои таснифот ва низомнок, таҳлили вазъиятҳои ҷудогона, ҳамчунин методи муқоисавӣ-таърихӣ истифода гардидаанд.

Дар давоми кори диссертатсионӣ И.Э. Мамадғафуров худро ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда, серкор ва ҷиддӣ нишон дода, дар ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошта муваффақ гардидааст. Ӯ ҳамеша машваратҳои роҳбари илмиро ба назар гирифта, пайваста дар пайи ҷустуҷӯйи маводи илмӣ ва таҳлил қарор дорад.

Муҳаққиқ дар рафти таълифот нақшаро дуруст муайян намуда, зимни баррасии бобу зербобҳо вазифаи дар пеш гузоштаро иҷро намуда ба натиҷаи назаррас ноил гардидааст.

Натиҷагириҳои муаллифи рисола дар хулоса ба таври возеҳу равшан, асосноку мудаллал оварда шуда, бо пешниҳодҳои мушаххас, рӯйхати сарчашма ва адабиёти таҳлилӣ хотима меёбанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Мамадғафуров И.Э. дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. - Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) кори мукаммали илмӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он – сазовори дараҷаи илмии номзади илҳои сиёсӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессори
кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва
дипломатияи Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон Саидов Ҳ.С.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 30,
МБТО «Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон».
Тел. (корӣ): (+992 37) 227-85-24
E-mail: info@rtsu.tj
Суроғаи сомонаи расмии «Интернет»: http://www.rtsu.tj

Имзои Саидов Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо: Давлатов Х.Ҳ.

ОТДЕЛ КАДРОВ